## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Ҳабибуллозода Шохрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050600 -"Иктисодиёт", 6D050601 – "Назарияи умумии иктисодӣ" (Иқтисоди сиёсӣ).**

Раванди рушди пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити иктисодиёти гузариш ва дар рафти инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ бо дигаргуниҳои мураккабе, ки аз лиҳози моликияти хусусӣ, рушди корхонаҳо ва минтақаҳо, алалхусус рушди иқтисодиёти кишвар ба вуҷуд омадааст, вобаста аст. Ҳамзамон баланд бардоштани суръати афзоиши иқтисодиётро аз ҳисоби пешрафти илмӣ-техникӣ таъмин намудан мумкин аст. Маҳз пешрафти илмӣ-техникӣ дар айни замон омили муҳимтарини рушди иктисодиёт маҳсуб меёбад. Ҳамин нуқтаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо намояндагони илм ва маорифи кишвар таъкид карданд, ки дар шароити муосир бо рақобат ва мухолифатҳои рӯзафзун тавсиф меёбад, танҳо он давлатҳо метавонанд мавқеи худро ҳифз намуда, ба пешрафт ноил шаванд, ки дорои миллати босаводу огоҳ, низоми инноватсионии рушдёфта ва олимону ихтироъкорони донишманд мебошанд. Дар чунин шароити рақобат, пешрафти илмӣ-техникӣ метавонад барои бартараф кардани муаммоҳои кунунии иқтисодӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон ба воситаи ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ-техникӣ мусоидат намояд. Зеро ҷорӣ намудани навоварӣ сатҳи рушди иқтисодии кишварро, махсусан дар шароити низоми муосири иқтисоди муайян мекунад. Диссертатсияи пешниҳодшуда аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва номгӯйи адабиёт иборат аст.

Дар боби якуми рисола «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва мавқеи он дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ» ба

масъалаҳои омӯзиши асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт, методологияи арзёбии сатҳи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт, инчунин таҷрибаи дар иқтисодиёти мамлакатҳои хориҷа татбиқ намудани пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити муосир диққат дода шудааст. Диссертант моҳияти пешрафти илмӣ-техникиро аз суханҳои Адам Смит оғоз намуда, ки ӯ пешрафти илми техникиро натиҷаи тақсимоти меҳнат мешуморад ва ихтирои ҳама мошинҳое, ки меҳнатро осон ва кӯтоҳ менамояд, бояд ба тақсимоти меҳнат мансуб бошад.

Дар боби дувуми рисола «Ҳолати имрӯзаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба равандҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масъалаҳои вазъи имрӯзаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти мамлакат ва инноватсия ҳамчун омили асосии пешрафти илмӣ-техникӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон диққат дода шадааст. Дар ин ҷо диссертант дуруст қайд менамояд, ки дар ҷаҳони муосир илм, технологияи нав ва инноватсия яке аз омилҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад ва таҳлили омилҳо ва шаклҳои он яке аз масъалаҳои марказии назарияи макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад.

Дар боби сеюми рисола «Роҳҳои асосии рушди пешрафти илмӣ-техникӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» диссертант оиди омилҳои монеашаванда ва роҳҳои ҳалли он дар самти пешрафти илмӣ-техникӣ, интихоби самтҳои афзалиятнок ва роҳҳои татбиқи механизми иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатӣ диққати худро ҷалб намудааст.

Диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзӯи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-теххникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ» дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ омода карда шуда, хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф оид ба ҳолати муосири соҳаи илмӣ-теххникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ тавсиф карда шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзӯи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-теххникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ» ба талаботи КОА -и нади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолаи номзадӣ ҷавобгуй буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050600 -"Иқтисодиёт", 6D050601 – "Назарияи умумии иқтисодӣ" (Иқтисоди сиёсӣ) пешниҳод шудааст, барои муҳокима пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ., профессори**
**Кафедраи молия ва фаъолияти бонкии**
**Донишгоҳи давлатии Данғара** **Хайрзода Ш.Қ.**

Имзои Хайрзода Ш.Қ. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

23.05.2025